ТАҚРИЗ

ба автореферати диссертатсияи Умаралии Сафаралӣ дар мавзуи «Ҳалшавандагӣ ва мувозинатҳои фазагии системаи обӣ-намакии сулфатҳо, карбонатҳои калий, магний, калсий дар ҳароратҳои 0 ва 25°С» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои химия аз рӯйи ихтисоси 1.4.2 .Химияи ғайриорганикӣ

Мавзуи интихобнамудаи унвончӯ бо зарурати мукаммал намудани маълумоти илмӣ оид ба системаҳои намакӣ, ки дар таркиби ашёи хоми полиминералӣ ва маводи техногенӣ вохӯрда метавонанд, алоқаманд аст. Таҳқиқи чунин системаҳо дар ду ҳарорати муайян барои арзёбии таъсири ҳарорат ба шароити ҳамзистии фазаҳои кристаллӣ ва интихоби самтҳои минбаъдаи омӯзиши онҳо имконият фароҳам меорад. Аз ин рӯ, самти кори диссертатсионӣ аз лиҳози илмӣ ва амалӣ муҳим мебошад.

Ҷиҳати қобили тавақҷуҳи таҳқиқот истифодаи усули транслятсия барои барқарор намудани робитаи байни элементҳои геометрии диаграммаҳои системаҳои дорои шумораи гуногуни компонентҳо мебошад. Муаллиф дар асоси маълумоти зерсистемаҳои секомпонента ва чоркомпонента сохтори схемавии комплекси фазагии системаи $K,Mg,Ca//SO_4,CO_3$-H_2O-ро барои ҳароратҳои 0 ва 25°С таҳия кардааст. Ин равиш имкон медиҳад, ки ҳолатҳои эҳтимолии ҳамзистии фазаҳои сахт пеш аз гузаронидани таҳқиқоти муфассали таҷрибавӣ муайян карда шаванд.

Арзиши илмии натиҷаҳо, аз ҷумла, дар муайян намудани маҷмӯи фазаҳои сахти ба нуқтаҳои нонвариантӣ мувофиқ ва робитаи байни онҳо зоҳир мегардад. Дар расми 2-и автореферат барои ҳарорати 0°С диаграммаи системаи панҷкомпонента пешниҳод шудааст, ки дар он 9 нуқтаи нонвариантӣ, 25 хати моновариантӣ ва 22 майдони дивариантӣ нишон дода шудаанд. Чунин тасвири геометрӣ барои дарки сохтори фазагии система ва интихоби объектҳои мушаххаси санҷиши таҷрибавӣ муфид аст. Таҳлили ҳалшавандагии зерсистемаҳои сулфатӣ ва карбонатӣ қисми муҳими кори иҷрошударо ташкил медиҳад. Дар системаи сулфатӣ барои ҳарорати 0°С мавҷудияти мувозинатҳои фазагӣ бо иштироки

арканит, шенит, сингенит, гипс ва кристаллогидрати сулфати магний баррасӣ гардидааст. Маълумоти миқдорӣ оид ба таркиби маҳлулҳои сер дар нуқтаҳои хоси диаграмма имкон медиҳад, ки хусусиятҳои ҳалшавандагии компонентҳо дар шароити ҳамзистии якчанд фаза муқоиса карда шаванд.

Муаллиф дар баробари таҳқиқоти назариявӣ ҳалшавандагии ду системаи чоркомпонентаи K,Mg,Ca//SO_4–H_2O ва K,Mg,Ca//CO_3–H_2O-ро дар ҳароратҳои интихобшуда ба таври таҷрибавӣ омӯхтааст. Барои муайян намудани мавқеи нуқтаҳои хоси диаграммаҳо аз усули массентрӣ истифода шудааст. Мувофиқи маълумоти автореферат, ташхиси фазаҳои сахт бо таҳлили рентгенофазагӣ низ анҷом ёфтааст. Пайвастани ин натиҷаҳо бо маълумоти таҳлили химиявӣ ба асоснок намудани тасаввуроти пешниҳодшуда оид ба мувозинатҳои фазагӣ мусоидат мекунад. Автореферат маълумоти асосиро оид ба мақсаду вазифаҳо, навгонии илмӣ, усулҳои таҳқиқот ва натиҷаҳои бадастомада дар бар мегирад. Ҷадвалҳо ва диаграммаҳои пешниҳодшуда барои фаҳмидани робитаи байни қисматҳои назариявӣ ва таҷрибавии кор мусоидат менамоянд. Мувофиқи маълумоти автореферат, натиҷаҳои таҳқиқот дар 10 мақолаи илмӣ дар маҷаллаҳои тақризшаванда ва 16 фишурдаи мақолаҳои конференсияҳо интишор гардидаанд, ки аз апробатсияи натиҷаҳои асосӣ шаҳодат медиҳад.

Дар баробари ҷанбаҳои мусбати зикршуда, нисбат ба автореферат мулоҳизаи зеринро пешниҳод кардан мумкин аст:

1. Беҳтар мебуд, агар муаллиф имкониятҳои истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқоти мувозинатҳои фазагӣ ва ҳалшавандагиро дар равандҳои технологии коркарди ашёи хоми минералӣ ба роҳ мемонд.

Мулоҳизаи мазкур хусусияти тавсиявӣ дошта, аҳамияти назариявӣ ва илмӣ-амалии натиҷаҳои пешниҳодшударо коҳиш намедиҳанд. Дар маҷмуъ, аз муҳтавои автореферат бармеояд, ки диссертатсияи Умаралии Сафаралӣ кори мустақили илмӣ-таҳқиқотӣ буда, ба омӯзиши масъалаи муайяни химияи ғайриорганикӣ бахшида шудааст.

Натиҷаҳои бадастомада бо мақсад ва вазифаҳои гузошташуда мувофиқат намуда, дорои навгонии илмӣ ва аҳамияти назариявию амалӣ мебошанд. Автореферат ба талаботи муқарраргардида нисбат ба корҳои диссертатсионӣ барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои химия ҷавобгӯ мебошад.

Бо дарназардошти гуфтаҳои боло, муаллифи диссертатсия Умаралии Сафаралӣ сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои химия аз рӯйи ихтисоси 1.4.2 – Химияи ғайриорганикӣ мебошад.

Таќриздиҳанда:
Номзади илмҳои химия, дотсенти
кафедраи химия ва биологияи
Донишгохи Славянии
Россия ва Тоҷикистон **Дадоматов Ҳ.Д.**

Тел.: (+992)-37-227-91-83;
(+992)- 938007401
E-mail: dadamatov1947@mail.ru

Суроға:
734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш. Душанбе, кӯчаи Мирзо Турсунзода, 30
Тел.: (+992)-37-221-35-50;
E-mail: p.rektora@mail.ru;
«20» 11 соли 2026

Имзои Дадоматов Ҳ.Д-ро
тасдиқ мекунам:
Сардори шуъбаи кадрҳо **Боровицкая Л.А.**

Суроғаи ҳуқуқии муассиса:
734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш. Душанбе, кӯчаи Мирзо Турсунзода, 30
Тел.: (+992)-37-221-35-50;
E-mail: p.rektora@mail.ru;
«20» 11 соли 2026